**ЗАБОНИ ТОЧИКИ** **СИНФИ-5** **Вариант С**

**Ному насаби хонанда _____________________________синфхо_____**

---

## Кисми 1.

**№1.** Илми овошиносӣ чиро меомӯзад?
А) Овошиносӣ ибора ва ҷумлаҳоро меомӯзад.
Б) Овошиносӣ номи ашёҳоро меомӯзад.
В) Овошиносӣ як соҳаи илми забон буда, ҷиҳати овозии онро меомӯзад.
Г) Овошиносӣ сараъзоҳои ҷумла мебошад.

**№2.** Овозҳои нутқ чӣ тавр пайдо мешавад?
А) Овозҳои нутқ бо ёрии ҳарфҳо пайдо мешавад
Б) Овозҳои нутқ ба воситаи узвҳои нутқ пайдо мешавад
В) Овозҳои нутқ ба воситаи лаб пайдо пайдо мешавад
Г) Овозҳои нутқ ба воситаи дандонҳо пайдо мешавад

**№3.** Узвҳои овозсоз кадомҳоянд?
А) сардопардаҳо, коми мулоим бо забонча, ҳалқ, забон, лабҳо, данбонҳо, шуш ва хирной
Б) бо сарпарасти
В) бо забонча
Г) бо лабҳо

**№4.** Дар забони тоҷикӣ чанд ифода ҳиссаи нутқ аст?
А) 5 ҳиссаи нутқ Б) 10 ҳиссаи нутқ В) 6 ҳиссаи нутқ Г) 11 ҳиссаи нутқ

**№5.** Овозҳои садонок дар кадом қатор дуруст омадааст?
А) а, и, о, ӯ, э, ӯ Б) а, ё, ю, я, ё, и В) л, о, ӯ, с Г) а, о, ё, ё

**№6.** Садонокҳо чӣ хел овозҳо мебошанд?
А) Садонокҳо осон талаффуз мешавад.
Б) дар талаффузи калимаҳо душворӣ мекашем
В) Садонокҳо овозҳое мебошанд, ки бе монеа талаффуз мешавад
Г) Садонокҳо аз якдигар фарқ мекунад.

**№7.** Ҳамсадо чист?
А) Ҳамсадо ҳиссаи нутқ аст.
Б) Ҳамсадо ҳиссаи мустақили нутқ аст.
В) Ҳамсадо сараъзо аст.
Г) Овозҳое, ки дар талаффузи онҳо ҳавои аз шуш бароянда ба монеа дучор мешавад, ҳамсадо ном доранд.

**№8.** Ҳамсадоҳо чанд хел мешавад?
А) ҳамсадоҳо ду хел мешавад (ҷарангдор ва беҷаранг)
Б) ҳамсадоҳо ба се ҷудо мешавад ( сода, сохта, мураккаб)
В) ҳамсадоҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд (сода, сохта)
Г) ҳамсадоҳо як хел мешавад ( сода)

**№9.** Ҳарфҳои ётбарсарро нишон диҳед.

А) а, ё, о, ӯ Б) ё, ё, ю, я В) я, о, ӯ, э Г) э, о, ё, ю

**№10.** Ибора чист?

А) Ибора аз ду ва зиёда калимаҳои мустақил маъно иборат аст.

Б) Ибора номи предметро мефаҳмонад.

В) Ибора маънои калимаҳоро мефаҳмонад.

Г) Ибора ҳиссаи нутқ аст.

**№11.** Исм чист?

А) Исм сараъзои ҷумла мебошад, ба саволи кӣ? киҳо?, чӣ? чиҳо? ҷавоб мешавад.

Б) Исм ҳиссаи нутқ аст, ки номи предмету ҳодисаҳоро ифода карда, ба саволҳои кӣ? (киҳо?), чӣ? (чиҳо?) ҷавоб медиҳад.

В) Исм ҳиссаи номустақили нутқ аст.

Г) Исм ба саволҳо ҷавоб намешавад.

## Кисми 2. Хониш ва фаҳмиш

### Матн 1. Хонед ва супоришро иҷро кунед.



## Гунҷишкаки якрав.

Як гунҷишкак буд. Вай падару модарашро бисёр азоб медод. Хурд бошад ҳам, худсарона ба ҳар куҷо парида мерафт. Коре карданӣ шавад, аз ҳеҷ кас маслиҳат намепурсид. Гапи падару модарашро гӯш намекард.

Гунҷишкак аз рӯзи аввали ба дунё омаданаш боиси азобу ташвиши падару модар шуд. Онҳо ҳамагӣ панҷ додару хоҳаракон буданд. Ин гунҷишкак аз ҳама хурд буд. Вай аз дигар бародару апаҳояш ду рӯз баъдтар ба дунё омад. Барои гунҷишкакон ду рӯз ҳам вақти бисёр мебошад. Бинобар ин, падару модараш ба вай Хурдӣ ном доданд.

Хурдӣ баъзан касал мешуд, авқот намехӯрд, бисёр нолиш ва инҷиқӣ карда, дили падару модарашро об менамуд. Ба ҳар ҳол, падару модари сертоқат вайро парасторӣ карданд, хӯронданд, тарбият намуданд.

(112 калима)

**№12.** Дар матн сухан дар бораи чӣ рафта истодааст? Ҷавобашро нависед.

______________________________________________________________

**№13**. Гунҷишкак падару модарашро чӣ тавр азоб медод? Ҷавобашро нависед.

______________________________________________________________

**№14**. Падару модар ба гунҷишкак чӣ ном гузоштанд?

А) Сафедак В) Алоча Б) Хурдӣ Г) Сипар

**№15.** Аз чӣ сабаб ба гунҷишкак Хурдӣ ном гузоштанд?

А) Гунҷишкак нимҷон буд

Б) Гунҷишкак инҷик буд

В) Гунҷишкак бисёр худсар буд

Г) Гунҷишкак аз дигар бародару апаҳояш ду рӯз баъдтар ба дунё омад.

**№16**. Падару модар ӯро чӣ тавр калон мекарданд?

А) Меҳрубонона, пурсаброна
Б) бо азобу уқубат
В) бераҳмона
Г) Дур аз якдигар

## Матн 2.
## Хонед ва супоришро иҷро кунед.

**СОАТИ БИБИАМ**



Дар хонаи мо соат ҳаст.Вале бибиам аз рӯйи “соат”-и аз ҳама қадимтарин – фарёди хурӯс кор мекунад. Ҳамин ки хурӯсон бори аввал чеғ мезананд, бибиам китфамро ҷунбонда мегӯяд:

– Вақти хестан шуд, ҷони бибӣ!

Аммо ҳоло ҳаво торик аст. Мехоҳам камакаки дигар даруни ҷогаҳи гарм бошам. Аммо бибиам аз хоб хестааст ва маро ба хестан ма ҷбур мекунад.

– Саҳар хестан хосияти хуб дорад. Саҳарӣ барвақт аз хоб бихезӣ, дилат кушода мешавад, корат барор мегирад, тану ҷонат осоиш меёбад. Саҳар китоб хонӣ, дар хотират беҳтар нақш мебандад...

Агар соатҳои муқаррарӣ барои хезондани мардум фақат як бор занг зананд, соатҳои ҷондор, яъне хурӯсон, боз ду бори дигар овоз мебароранд: бори дуюм, вақте ки субҳ медамад ва олам тамоман равшан мешавад; бори сеюм, вақте ки Офтоб ба миёни осмон наздик мерасад.

Бибиам боз таъкид мекунад, ки хурӯсон бо чеғи якум мегӯянд: Одамони ҳушёрхоб аз хоб бархезед! Бо чеғи дуюм:
Коргарон, бархезед! Бо чеғи сеюм: Танбалон бархезед. Охир, танбалон, беҳавсалагон, коргурезон хеле дер аз хоб мехезанд.

Ана ҳамин хел ақидаҳо дорад бибии сахтгири ман. Як ҷиҳати тани солим ва пешравии корҳои маро аз он медонад, ки бо чеғи нахустини хурӯсон аз файзу баракати субҳидам баҳравар мешавам.

**№17.** Соати бибӣ чӣ ном доштааст? Ҷавобашро нависед.

---

**№18.** Саҳархезӣ ба шумо маъқул аст ё не? Ҷавобашро нависед.

---

**№19**. Саҳархезӣ чӣ гуна хосиятҳо дорад?

А) Саҳархезӣ хеле хуб аст
Б) Саҳархезӣ хосияти хуб дорад
(дилат кушод, корат барор, тану ҷонат осоиш меёбад)
В) Саҳархезӣ кори танбалон аст
Г) Саҳархезӣ фоидае надорад

**№20**. Хуросон пагоҳӣ чанд бор чеғ мезананд?

А) Хурусон пагоҳӣ ду бор чеғ мезананд
Б) Хурусон пагоҳӣ чеғ намезананд
В) Хурусон пагоҳӣ се бор чеғ мезананд
Г) Хурусон пагоҳӣ як бор чеғ мезананд